**Суратмаҷлиси №5**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 14 июни соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 14 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи Қосимзода Солеҳ Салим дар мавзуи «Масоили шинохти сабки шеър дар адабиёти замони Истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ (мушовири илмӣ: доктори илми филология, профессор, узви пайвастаи АМИТ Имомзода М.С.) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Мақсудов Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Қосимзода Солеҳ Салим ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, д.и.ф. Сироҷиддини Эмомалӣ маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Қосимзода Солеҳ Салим ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Қосимзода Солеҳ Салим дар мавзуи «Масоили шинохти сабки шеър дар адабиёти замони Истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Низомӣ Муҳриддин Зайниддин** – доктори илми филология, аъзои шуро, раиси комиссияи экспертӣ;
- **Кӯчарзода Аламхон** – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи экспертӣ;
- **Хоҷамуродов Олимҷон** – доктори илми филология, профессор, аъзои комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.